Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Табарзода Далер Раҳматуло дар мавзуи “Танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.04 – Ҳуқуқи молиявӣ; ҳуқуқи андоз; ҳуқуқи буҷетӣ пешниҳод шудааст (Душанбе, 2024. – 30 саҳ.).**

Диссертатсияи Табарзода Далер Раҳматуло дар мавзуи “Танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба яке аз мавзуҳои мубрами илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Таҳқиқи масоили мазкур пурра талаби илми ҳуқуқшиносӣ буда, аз ҷиҳати шакл ва мазмунан мукаммал мебошад.

Назорати андоз яке аз намудҳои назорати давлатии молиявӣ буда, аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ мувофиқи салоҳияти муайяншудаи қонунгузорӣ амалӣ карда мешавад. Ин назорат, ба дуруст ҳисоб кардан, пурра ва сари вақт пардохт (интиқол) намудани андозҳо, боҷҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба фондҳои пулии давлатӣ ҷиҳати амалӣ намудани функсияи идоракунии давлат нигаронида шудааст.

Баррасии масъалаи танзими ҳуқуқии назорати андоз барои таҳкими устувории молиявию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рушди маъмурикунонии андоз аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Дар таҳрири нав қабул гардидани Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021 зарурати таҳқиқи илмию амалии ҳамаҷонибаи тамоми

унсурҳои институти назорати андозро талаб намуда, аҳаммияти мавзуи интихобкардаи тадқиқотро муайян мекунад.

Муаллиф Д.Р. Табарзода дар таҳқиқоти худ таваҷҷуҳи бештар ба ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро, аз ҷумла, назорати андоз ҳамчун як намуди назорати давлатии молиявӣ, мушкилоти асосии муайян кардани мафҳуми шакл ва усулҳои назорати андоз, принсипҳои назорати андоз, хусусиятҳои назорати камералӣ ва мониторинги андозӣ ҳамчун шакли назорати андоз ва ҷавобгарӣ барои ба мақомоти андоз пешниҳод накардани маълумоти дахлдор барои амалӣ намудани назорати андоз диққати махсус зоҳир намуда, нисбат ба ҳолатҳои баҳснок баҳои асосноки ҳуқуқӣ додааст.

Мавқеи муаллиф дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовори дастгирӣ мебошад.

Асоси доктриналии тадқиқотро асарҳои олимони ватанию хориҷӣ дар соҳаи ҳуқуқи молиявӣ ва андоз ташкил доданд. Асоси воқеии рисоларо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қонунгузории дигар давлатҳо дар ин самт, инчунин маълумотҳои омории мақомоти андоз ташкил менамояд.

Бояд эътироф кард, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ арзиши илмӣ, аҳаммият ва зарурати он ғояҳоеро, ки ӯ дар кори худ ҳамчун муқарраароти барои дифоъ пешниҳод кардааст, асоснок мекунад. Эътимоднокии муқаррарот бо такя ба таҳқиқоти ҳамаҷонибаи адабиёти ҳуқуқии ватанию хориҷӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии тасдиқ карда мешавад. Инчунин, довталаб масъалаи илмиеро, ки аз муайян кардан ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани самтҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳое, ки дар ҷараёни назорати андоз ба миён

меоянд, ҳал карда тавонистааст. Натиҷаҳои тадқиқотро метавон ҳамчун саҳми шахсии муаллиф дар ҳалли як масъалаи муҳими илмӣ, ки барои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим аст, арзёбӣ кард.

Рисола аз рӯйи тамоми меъёрҳои хоси худ, бешубҳа, кори илмии анҷомёфта буда, аз нуқтаи назари таҳқиқоти илмӣ фарогири ҳамаҷонибаи масъалаи баррасишавандаро дар бар мегирад. Гуфтан мумкин аст, ки ин пажуҳиши бештар холигии мавҷударо дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ оид ба масоили танзими ҳуқуқии назорати андоз пурра мекунад.

Муаллифи дар тадқиқот пешниҳодҳоеро муттаҳид кардааст, ки ҳам назарияи ҳуқуқи молиявӣ ва ҳам пурра кардани муқарраротои мушаххаси санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар соҳаи ҳуқуқи молиявӣ ва андоз ғанӣ мегардонад. Мундариҷаи автореферати диссертатсия аз омодагии баланди муаллиф ҳамчун ҳуқуқшинос ва тадқиқотчӣ шаҳодат медиҳад. Андешаҳои назариявии довталаб ҷолиб, мантиқӣ ва асоснок мебошанд.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти дар рисола нишондодашуда ба мавзуи он пурра мувофиқат мекунанд. Оиди ба методология, заминаи эмпирикию назариявии таҳқиқоти муаллиф, ки навоварии онро асосан мекунад ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда шубҳае нест. Дар баробари ин, нуктаҳои пешниҳодгардидаи муаллифи автореферат ва дар заминаи онҳо хулосаҳои пешниҳодшуда метавонанд, дар раванди таълим аз фанҳои ҳуқуқи молиявӣ, ҳуқуқи андоз, ҳуқуқи буҷетӣ, инчунин дар раванди такмили қонунгузорӣ дар самти мазкур ва амалия татбиқ карда шаванд.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузоштташударо ҳал намудааст, вале дар баробари муваффақиятҳои зиёд, инчунин ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки баҳснок ва посухталаб мебошанд:

1. Дар навгонии хусусияти амалидоштаи ҳаштуми ба дифоъ пешниҳодшаванда муаллиф оид ба зарурияти дар таҳрири нав пешбинӣ

намудани таърифи принсипи ҳамкории мақомоти андоз бо андозсупоранда дар қ. 2 м. 10 Кодекси андози ҶТ таклиф менамояд. Ба андешаи мо, ин таклиф баҳсу мунозираи ҷиддирро ба миён меорад. Дар ин ҳолат, муаллифи рисоларо лозим меояд, ки онро аз нигоҳи илмӣ ва амалия асоснок намояд.

Мулоҳизаҳои баёншуда ба баҳои умумии мусбати автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд.

Ҳамин тариқ, аз таҳлилу баррасии автореферати диссертатсияи Табарзода Далер Раҳматуло ба хулосае омадан мумкин аст, ки муаллифи он ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи "Танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсияи Табарзода Далер Раҳматуло ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.04 – Ҳуқуқи молиявӣ; ҳуқуқи андоз; ҳуқуқи буҷетӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**И.в. профессори кафедраи ҳуқуқи**
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва**
**соҳибкории Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **У. А. Меликов**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва**
**соҳибкории Тоҷикистон,**
**734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, куч. Борбад 48/5**
**Тел.: 555551494**

**«Имзои У. А. Меликовро тасдиқ мекунам»**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДБССТ** **Ҷураев Ш. Н.**